**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон роҷеъ ба диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ – назарии Аҳмади Шомлу» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)**

Диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна ба таҳқиқи гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу, ки дар адабиёти илмӣ бо номи “калимаҳои қисор”, “адабиёти хирад”, “ситата”, “афforизм” ёд мешаванд ихтисос дорад. Ҳамзамон дар диссертатсия афкори завқӣ-назарии шоир, ки ба масоили адабӣ бахшида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Таҳқиқ бо таҳлилу арзёбии вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Эрон дар солҳои чилум оғоз гардида, ҳамзамон хусусиятҳои фарҳангӣ-ақидатии ҷомеа, нашрияҳои адабӣ-иҷтимоӣ замон ва ба нақши онҳо дар рушду камоли шеъри муосири форсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант талош намуда, зимнан ҷараёнҳои шеъри муосирро дар даҳаи мавриди назар гурӯҳбандӣ ва арзёбӣ кардааст.

Такяи аслии муҳаққиқ дар идомаи таҳқиқ омӯзиши мавзуии гузингӯяҳо ва дидгоҳҳои назарӣ ва завқии А.Шомлу перомуни адабиёт, шеър, шоир, ҳунар ва рисолати шоирӣ ва дар маҷмуъ масоили адабӣ мебошад, ки аз суханрониҳову мақолоти ҷудогонаи адиб баргирифта шудаанд.

Диссертант бар ин бовар аст, ки гузингӯяҳо дар шинохти шахсияти адабии шоир нақши беандоза доранд.

Навгонии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори аввал дар адабиётшиносии муосири тоҷик бахши камшинохташудаи осори А. Шомлу гузингӯяҳо мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Гузингӯяҳо тавре ки зикр шуд, ҷумлаҳои кӯтоҳе мебошанд, ки атрофи масоили мухталифи конуни зиндагии инсонӣ, гуфта мешаванд. Гузингӯяҳоро дар ҳар забоне бо мафҳумҳои мухталиф ном мебаранд. Гузингӯяҳо дар

имтидоди замон бар асари мушоҳидаву тарассуд, таҷрибаҳову андӯхтаҳо дар зеҳни як ҳунарманд шакл мегиранд.

Тозагии дигари таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик барои аввалин бор ҷараёни шаклгирии шахсияти адабии А. Шомлу дар пайванд бо муҳити адабии замонааш мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ талош ба харҷ рафтааст, то нақши нақди адабӣ, ҳавзаҳои адабӣ, маҷаллаву рӯзномаҳои таъсиргузори замони шоир дар тарбияту пешрафт ва камоли офаринандагии А. Шомлу таъин гардад.

Қобили зикр аст, ки маводи диссертатсия дар инкишофу вусъати таҳқиқоти илмӣ дар пайванд бо шеъри муосири Эрон ва шеъри муосири тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеър ва ҳамзамон шинохту маърифати масири эҷодии шоири муосири Эрон А.Шомлу, нақши номбурда дар бунёду такомули шеъри сапеди Эрон, эҷоду густариши доираи мавзуи гузингӯяҳои адабӣ судманд хоҳад буд ва натиҷаҳои ба дастовардаи унвонҷӯ ҷанбаҳои назарии масоили марбут ба шеъри нав ва ҷанбаҳои шинохту омӯзиши гузингӯяҳои адабиро таҳким бахшида, чаҳорчӯби таҳқиқ ва шеваҳои омӯзиши минбаъдаи гузингӯяҳои адабиро дар адабиётшиносии тоҷик мукаммал мегардонад.

Натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастовардаи диссертант ҷанбаҳои амалии илми адабиётшиносии тоҷикро дар иртибот бо таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд бо адабиёти муосири Эрон, шеъри нав ва сапеди форсӣ, гузингӯяҳои адабӣ тақвият дода, вижагиҳои муҳтавоӣ, зебошинохтии гузингӯяҳои А. Шомлуро баён месозанд.

Гузашта аз ин маводи диссертатсияро зимни навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ ҷиҳати баррасиву арзёбии масоили алоқаманд ва адабиёти муосир, махсусан шеъри наву сапеди форсӣ, дар мавриди дигар паҳлӯҳои камомӯхташудаи шеъри муосири Эрон ва Тоҷикистон метавон истифода намуд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсияи анҷомёфта дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва

нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи "Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10:01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи "Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу" барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Америко ва Австралия (адабиёти форсӣ) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Охонниёзов Варқа Дустович** – доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б Искандарови АМИТ;

– **Амиркулов Нуриддин Амиркулович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҷабов Ҳ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҷабова М.Т.;
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонов Р.

«18» феврали соли 2025.